# ТАҚРИЗ

**Ба рисолаи номзадии Фаттона Бадахш “Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифӣ Бохтарӣ(таҳқиқи қиёсӣ)” барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои филологӣ (Ихтисос: 10.01.01 – Адабиёти тоҷик)**

Робитаҳои адабии халқҳои Тоҷикистон ва Афғонистон ҳамроҳ бо иштироки забонии онҳо, яъне забони адабии муштарак, реша дар жарфои садаҳо ва таърихе баробар ба оғози тамаддуни онҳо дорад, ки чун як амри мусаллам ва ҳақиқате ошкор ниёзе ҳам ба далоилу шавоҳиди зиёд надорад.

Аммо дар даврахое нисбатан нав, ки батадриҷ бо гузашти айём ва вуқуъи ҳаводиси таърихию иҷтимоӣ фосилаҳо ва марзҳое ҷадид миёни сарзаминҳои ин мардум эҷод гардид, фасли наве дар робитаҳои адабию фарҳангӣ ба миён омад, ки паймонаҳои тозаеро барои шинохту маърифати воқеии ҳадду мизон ва хислату вижагиҳои ин равобит ба миён овард.

Муҳим ин аст, ки воқеан дар ҳеч даврае аз таърих робитаҳои адабӣ миёни халқҳои Тоҷикистону Афғонистон қатъ нагардида, ҳамеша бо афзоишу коҳиши нисбӣ дар ҳар ҳоле идома доштааст. Шояд дурахшонтарин ва пурбаҳратарин даврони ин робитаҳо асрҳои 15-16 мелодӣ бошад, ки бо вуҷуди ҳавзаҳои илмию адабии се маркази муҳимтарини тамаддуни он замон Бухоро, Самарқанд ва Ҳирот ва шахсиятҳои азимушшаъне чун Мавлоно Абдурраҳмони Ҷомӣ умуман дар таърихи рушди робитаҳои адабӣ бо он нишоту болandaгӣ ва самаровари камтар назир доштааст. Адибони ин замон бидуни таваҷҷуҳ ба макону маҳалли иқомат миёни Мовароуннаҳру Хуросон аҳли сарзамини муштараки фарҳангию адабӣ буда, осорашон дар забону азҳони мардум яксон ҷорӣ будааст. Ин воқеиятро ба вузуҳ метавон дар саҳифаҳои чи таърихномаҳо ва чи осори адабӣ мушоҳида кард.

Аз ин ҷост, ки дар “Намунаи адабиёти тоҷик”-и устод Садриддин Айнӣ, ки таълифи он машрут ва муқайяд ба сабти осору аҳволи шоирону адибони танҳо зода ва парвардаи Мовароуннаҳр буд, ногузир ва ба таври табиӣ ба осору аҳволи як гурӯҳ адибоне низ пардохта шудааст, ки дар ин ду сарзамин, яъне Мовароуннаҳру Хуросон ба сар бурда ва ба фаъолиятҳои адабии шуғл доштаанд. Ин амр далели равшане бар он аст, ки марзҳои сиёсӣ боиси куллан азҳам пошида шудани қаламрави муштараки фарҳангу адаби ин халқҳо нагардида, балки дар ҳар замоне пайвастагӣ ва якпорчагии он ҳифз гардидааст.

Аммо садаҳои ахир, яъне садаҳои 20 ва 21 аз назари эҷоди фосилаи бештар дар миёни ҳавзаҳои адабии Мовароуннаҳру Хуросон (Тоҷикистон ва Афғонистон) давраи наве аз назари ба миён омадани масъалаҳо ва монеъҳои ҷадиди сиёсию эътиқодӣ, ҷаҳонбинӣ ва... ба вуҷуд омад, ки робитаҳои адабиро ба маҷро ва сатҳи дигаре ворид ва вобаста ба шароити дигаре менамуд. Ба ибораи дигар робитаҳои адбию фарҳангии ин ду халқи дорои муштаракоти фаровон ва аз бисёр ҷиҳатҳо воҳид ба раъйи дигарон вобаста

гардид. Тағйири низоми омӯзиш ва аз ҷумла алифбо низ омили муҳимме дар дигаргун шудан ва ба мушкилоти бисёр печидани ин равобит гардид.

Аммо ҳаройина робитаҳои адабию фарҳангӣ миёни халқҳои ин ду сарзамини таърихӣ – Мовароуннаҳру Хуросон, хусусан, Тоҷикистону Афғонистон ба куллӣ мунқатеъ нагардид ва на танҳо дар амри баҳрагирӣ, омӯзишу пажӯҳиши мероси муштараки адабӣ, балки дар заминаи ҳамкориҳои адабии ҷадид идома пайдо намуд.

Танҳо як мурури иҷмолӣ дар сафаҳоти рӯзномаҳо ва маҷаллаҳои ин давра, хусусан бособиқатарин маҷаллаи адабии Тоҷикистон "Садои Шарқ", ки таъсиси он ба соли 1927 мелодӣ воқеъ гардидааст, кофист то ба ҳақиқати бетардиди вуҷуди фаъоли робитаҳои адабии Тоҷикистону Афғонистон дар тамоми даврони идомати низоми Шӯравӣ мутмаин бишавем. Дар ин маҷалла пайваста осори адабӣ ва адабпажӯҳии адибон ва донишмандони шинохтаи Афғонистон ба табъ расидааст, ки агар танҳо ин мавод ба сурати маҷмӯае ҳозир карда шавад, аз чанд муҷаллад иборат хоҳад буд.

Аз ин ҷост, ки хонандаи тоҷик бо осори адибону шоирони муосири Афғонистон шояд хеле бештар аз он он ки хонандагони Афғонистон бо осори адибону шоирони муосири Тоҷикистон ошноӣ доранд. Баёзҳо ва маҷмӯаҳои муштараке ҳам аз назму насри Афғонистон дар Тоҷикистон ба чоп расидааст.

Дар заминаи тозатарин пажӯҳишҳои адабшиносӣ ва шеършиносӣ, ки ҳамчунин сарфасли навинеро дар равобити адабӣ байни кишварҳои форсизабон, хусусан Тоҷикистону Афғонистону Эрон боз намуд, ривоҷи баҳси "куҳна ва нав" дар шеър бо зуҳури падидае бо номи "шеъри нав" буд, ки баъд аз муддатҳо идомати ин баҳсҳои пуршӯр дар ҳар се кишвар дар ниҳоят дар соли 1967 дар шаҳри Душанбе "Симпозиуми ҷаҳонии шеъри форсӣ" баргузор гардид, ки дар он муҳимтарин чеҳраҳои илму адаби Тоҷикистону Афғонистону Эрон ва ховаршиносони маъруф ширкат ва суханронӣ намуданд. Аз Афғонистон дар ин ҳамоиши бузург устодон Абдулҳақи Вола, Моили Ҳиравӣ ва Накҳат Саидӣ суханрониҳои пурмуҳтавое ироа намуданд, ки ҳанӯз ҳам қимати илмию назарии онҳо маҳфуз аст.

Натиҷаи куллие, ки аз ин суханрониҳо метавон гирифт ҳамин аст, ки падидаи "шеъри нав" дар ҳар се кишвар боиси таҷдиди назар дар имконоти назми суннатӣ гардида, шинохтатарин шахсиятҳои адабии ин кишварҳоро ҳамсон бар он водошта, ки дар баробари иқрор ва қабули ҷанбаҳои мусбати ин падида, ба пешгирӣ аз паёмадҳои манфии он, ки ба таври умда дар истилоҳи шаклпарастӣ ё формализм (фурмолисми маҳз) хулоса мешавад, иқдом намоянд ва афкори боарзиши илмии худро мунташир созанд. Ин ҳамоиши илмию адабӣ барои ташхиси самтҳои ҳамкории адабӣ ва адабпажӯҳӣ, хусусан дар заминаи назм, таъкид бар аҳаммияти ҷанбаҳои ҳунарӣ, иҷтимоӣ ва инсонгароёнаи шеъри муосир дорои арзиши фавқулода буд. Ҳамчунин, ин воқеиятро бори дигар ба субут расонд, ки сарфи назар аз фосилаҳои замонию маконӣ ва тафовутҳои низомҳои сиёсию иҷтимоӣ, арзишҳои асили муштараки ҳунарӣ, адабӣ ва инсонӣ, суннатҳои ҳунарию маънавӣ дар густараи адабиёти тоҷикӣ-форсӣ-дарӣ маҳфуз монда, муҳимтар аз ин адибон ва донишмандони ҳар се кишвар ҳифзу тавсеаи онро аз

икдомҳои зарурӣ мешуморанд. Ба ин воситаи заминаи густардае барои таҳқиқоти муфассалтари адабиётшиносӣ, хусусан ба шеваи татбиқӣ ва қиёсӣ фароҳам омад, ки минбаъд, агарчи корҳое дар ин замина анҷом шуд, мутаассифона, аз вусъату жарфои илмию фикрие, ки дар фазои ин ҳамоиш вуҷуд дошт, ба мизон ва диққати лозим бархурдор набуд.

Рисолаи номзадии бону Фаттона Бадахшро, бешак, метавон идомаи ҳамин баҳсу баррасиҳо унвон кард, зеро ду тан аз адибони барҷастаи мо устодон Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ ҳамзамон бо вуҷуҳи зиёди муштарак дар фаъолияти халлоқа ва осорашон ҳар ду яксон саромадон ва пешкисватони давраи навини таҳаввули шеър дар кишварҳои худ ва ҳарду яксон адибони мутафаккир ва ҷараёнсоз мебошанд. Бино бар ин, пажӯҳиши татбиқӣ ва қиёсии осори эшон, ҳамзамон пажӯҳиши қиёсии назми бадеъи ду кишвар дар абъоди мухталиф мебошад ва шеваи қиёс барои равшан шудани бисёре аз нукоти мубҳам, ки дар таҳқиқоти инфиродӣ ва мустақим муяссар нест, ёрӣ мерасонад. Тафовутҳо, имтиёзҳо, муштаракоти мубтанӣ бар аслҳои суннатӣ, равишҳои мухталифи таъмини аносири бадеият ва...мушаххастар ва малмустар ошкор мешавад.

Агар иштибоҳ нашавад, ин рисола аз назари шеваи таҳқиқи қиёсӣ миёни осори ду шоири ҳамзабони Тоҷикистон ва Афғонистон, бо ин вусъати назар ва диққати мулоҳиза дар мавриди осори ду шахсияти барҷастаи адабӣ дар матни кулии таҳаввули назми муосири тоҷикӣ ва даризабон нахустин кори муфассали илмӣ мебошад ва бо таваҷҷӯҳ ба натоиҷи илмию назарии бадастомада метавонад оғози як фасли тозае дар адабиётшиносии татбиқӣ дар заминаи адабиёти Тоҷикистону Афғонистон ба шумор оварда шавад.

Метавон иддаъо кард, ки нависандаи рисола ба фазли мутолиаи муфассалу амиқ дар осори ду шоир ва ҳамчунин матни адабиёти даврони мавриди назар ва осори таҳқиқотии илмию назарии марбут ба мавзӯъ тавонистааст муҳимтарин маворид ва вуҷуҳи иштирок ва тамоюзи осори мавриди пажӯҳиши худро таъйин ба бар ин асос сохтори рисолаи худро танзим намояд ва ба ин восита ба натоиҷи матлуб даст ёбад.

Боби якуми *рисола **«Баррасии ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** ном дошта, дар фасли аввал бо унвони ***«Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоии осори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** ба назари мо муҳимтарин муштаракоти таърихӣ, иҷтимоӣ ва ҳунарии мундариҷ дар осори ин ду шоир баррасӣ гардидааст ва муҳаққиқ ба натиҷаҳои мудаллали қобили эътино даст ёфтааст. Аз ҷумла ин ки мегӯяд:
“Ҳарду шоир муосир ва таҳаввулгаро буда, мафҳумгароӣ дар шеърашон ба назар мерасад ва онҳо ба масоили мавҷуда ва мушкилоти ҷомеа эҳсоси масъулият намуда, нисбат ба он дар ашъору рафтор вокуниш нишон додаанд; шоирони мазбур дарди муштарак дошта, дар эҷоди таҳаввули тоза дар адабиёти муосир пештоз маҳсуб мешаванд;”

Шояд ба далели таваҷҷӯҳи махсус ба мавзӯъи зан дар адабиёти даврони Шӯравӣ ва мубрам будани ин мавзӯъ дар Афғонистони имрӯз нависандаи рисола фасли алоҳидаеро ба ин мавзӯъ ихтисос дода, ба

барҷастагии мавзӯъи мазкур ва оҳанги хушбинона доштани он дар эҷодиёти Муъмин Қаноат таъкид менамояд

Дар фасли сеюми боби аввал ***«Анвои шеърӣ дар эҷодиёти Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** муҳаққиқ барҳақ ба огоҳӣ ва садоқати ду шоири мавриди назар ба суннатҳои адабиёти муштараки классикӣ таъкид намуда, ҳамзамон ба навовариҳои муътадил ва қонунманди онҳо дар қолабҳои суннатӣ ва тафовути нисбии ин навовариҳо бо овардани далоил ва шавоҳиди лозим аз осори бадеъ ва илмӣ таъкид менамояд.

Дар ин қисмат натиҷагирии муҳимми илмии соҳиби рисола бо далоили мушаххаст таъйид намудани ин нукта аст, ки таҳаввули қолабҳо ва авзони шеърӣ дар Тоҷикистон аз ҷумла дар осори манзуми Муъмин Қаноат, на аз тариқи пайравӣ ва қолаббардории мустақим аз шеъри нави форсии ин замон, балки дар натиҷаи таҷрибаҳо ва ибдоъоти мустақими худи шоир дар пайкари қолабҳои суннатӣ, аз ҷумла мустазод ва омӯзишу ба кор гирифтани таҷрубаҳои тозаи шеъри ҷаҳон, бахусус ба воситаи тарҷумаи шеъри рус ба миён омадааст. Ин қисматро дар корҳои оянда бо таваҷҷӯҳ ва эътино ба навовариҳои устодони назми навини тоҷик аз ҷумла Садриддин Айнӣ, Пайрав Сулаймонӣ, Ҳабиб Юсуфӣ, Мирзо Турсунзода метавон тавсеаи бештар дод.

Муҳаққиқ дар айни ҳол бо диққати назар дар осори навоварона Мӯъмин Қаноат ба ин натиҷа мерасад, ки эшон дар шеъри нав сабки фардии худро доро мебошад.

Дар фасли чорум ***«Устура ва дигар ҷанбаҳои ҳамгунии осори ин ду шоир»*** муҳаққиқ устурапардозӣ дар осори ду шоиррро ба дурустӣ яке аз вуҷуҳи муҳимми иштироки осори онҳо дониста дар айни ҳол ба тафовутҳои корбурди ҳунарӣ аз асотир ва мафоҳими асотирӣ дар осори ду шоир таваҷҷӯҳ намуда, ба натиҷаҳои мушаххас расидааст. Муҳаққиқ ба дурустӣ таъкид менамояд, ки Восифи Бохтарӣ аксаран дар муҳтавои асотир бо тасарруфи ҳунарӣ ба эҷоди як асари ривоии достонгунаи ҳадафманд мерасад, ки намунаи онро дар шеъри баланди "Уқоб аз авҷҳо" метавон мушоҳида намуд. Муъмин Қаноат бештар ба асотири авастоӣ ва ориёӣ рӯй оварда, дархури масоили замон аз ин асотир мазмунпардозӣ кардааст. Як ваҷҳи муштараки куллитари дигар миёни осори ду шоир, ки гӯшае аз он ҳамин устурапардозӣ аст, дар қисмате дигар аз кор бо истилоҳи ***"бостонгароӣ"*** ёд шудааст ва бештар дар маҳдудаи забон ва қолаби шеър ба он пардохта шудааст.

Боби дуюми рисола ***«Шабоҳатҳо ва тафовутҳои сохторӣ ва гоявии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** унвон шуда, дар фасли аввали он ***«Ҳамгунӣ ва ноҳамгуниҳо (шабоҳатҳо ва тафовутҳо)-и сохторӣ ва гоявии ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** муҳимтарин ва барҷастатарин мавориди мушобиҳат ва тафовутҳои сохтории ашъори онҳо ба таври зайл муаррифӣ гардидааст: **"Мушобиҳатҳои сохторӣ:** Суннатшикании сохтор; навоварӣ дар сохту маъно; фохиру фахим будани забон; ривоятгарӣ дар шеър; тасвирӣ будани шеър; нигариши фалсафӣ ба шеър; воқеиятгароӣ; жарфсохт ва рӯсохти мустаҳкам; устурагароӣ; лаҳни ҳамосӣ; рӯҳияи ирфонӣ; эҷоз. **Тафовутҳои сохторӣ:**

Ошноизудой ё ҳанҷоргурезӣ (бегонасозӣ дар матнҳои адабӣ ё қоидашиканӣ дар матни адабӣ); номутаориф будани забон ва фазои шеърӣ; интизоъгарой (зеҳнгарой ё хулосасозии иттилоот дар шеър); мубҳам ва печида будани забони шеърӣ; самбулизми иҷтимоӣ; бостонгарой.”

Тавре, ки болотар қайд шуд, аз ин миён агар устурапардозиро ҷузъе аз бостонгарой ба шумор овардан ҷоиз бошад, он гоҳ бостонгарой ҳам дар осори ин ду шоир на ваҷҳи тамоюз, балки ваҷҳи иштирок метавонад ба шумор оварда шавад.

Дар фасли дуюм **«Мақом ва ҷойгоҳи ғазал дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»** таносуби ғазал аз нигоҳи мавқеъ, таъдод ва сабк дар осори ҳар ду шоир ба таври қиёс баррасӣ шудааст. Аз баёни муаллиф ошкор аст, ки фасли алоҳидаеро ба ин мавзӯъ ихтисос додан ба он далел аст, ки ғазал дар осори манзуми Восифи Бохтарӣ ҷойгоҳи вижа дошта, эшон аз пешкисватон ва устодони чирадасти ғазали муосири Афғонистон маҳсуб мегардад. Аммо Мӯъмин Қаноат ба жанри ғазал камтар таваҷҷӯҳ кардааст. Муаллифи рисола ба дурустӣ таъкид менамояд, ки агарчи Муъмин Қаноат хеле камтар, дар маҷмӯъ 14 ғазал сурудааает, аммо ин ғазалҳо аз истеҳкому салобати баён ва рӯҳи мутаолии шоирона саршоранд ва намунаи хуби ғазал ҳастанд. Боз ҳамон ваҷҳи муштарак, ки иборат аз салобату фахомати калом аст, дар ғазалиёти ҳарду шоир яксон мухҳшоҳида мешавад.

Дар ин қисмат метавон минбаъд аз собиқаи ғазал (қабл аз Муъмин Қаноат) хусусан ғазали иҷтимоӣ дар адабиёти муосири тоҷик бо таваҷҷӯҳ ба эҷодиёти шоироне чун Устод Айнӣ, Абулқосим Лоҳутӣ, Мирзо Турсунзода, Боқӣ Раҳимзода, Аминҷон Шукӯҳӣ ёдовар гардид.

Фасли сеюми боби *дувум* - ***«Достон ва таҳаввули сохтории он дар ашъори Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»,*** нависандаи рисола барҳақ муҳимтарин бахши эҷодиёти Муъмин Қаноат ва фаъолияти халлоқаи ӯро иборат аз достонҳояш медонад: “Муъмин Қаноат шоири реалист аст. Асос ва сиришти достонҳои ӯ воқеӣ ва мустанад мебошад. Ӯ бо омехтани шеъри суннатӣ ва шеъри нав жанри (навъи) ҷадиди достонсароиро ба миён овард”.

Воқеан, достонҳои Муъмин Қаноат аз назари навоварӣ дар достони манзум худ мавзӯъи муфассали алоҳидае метавонад қарор дода шавад. Достонҳои Муъмин Қаноат ба навбати худ имконоти густардаи шеъри навро дар пайкари асарҳои бузурги манзум ба намоиш мегузоранд.

Тибқи мушоҳидаи дақиқу олимонаи соҳиби рисола, агарчи Восифи Бохтарӣ мустақиман ба эҷоди осоре дар қолаби достони манзум напардохта, аммо бисёре аз ашъори баланди ҳамосии эшон ки бар мабнои устура эҷод шуда ва ҷанбаи қавии ҳамосию ривоӣ мебошанд осори достонгунае ҳастанд, ки аз бисёр ҷиҳот унсурҳои муштараке миёни онҳо ва достонҳои Муъмин Қаноатро метавон мушоҳида кард.

Боби сеюми рисола ***«Таҳқиқи қиёсии ҳунари шоирии Муъмин Қаноат ва Восифи Бохтарӣ»*** ба муқоисаи муфассали унсурҳои

ташкилдиҳандаи ашъори ду шоир дар ҳар фасле, аз ҷумла **забону баён, символ ва намод; саноеъи адабӣ ва вазну қофияву радиф** махсус гардидааст. Натиҷагирии нисбатан куллӣ ва хулосаи ҷомеъи ин бобро чунин метавон таъриф намуд, ки ваҷҳи иштирок дар ин бахш миёни осори ду шоир қабл аз ҳама истеҳком ва иртифоъу такмили ҳунарии осори онҳост, ки аз роҳҳои нисбат ба якдигар мутафовит таъмин гардида. Агар Муъмин Қаноат дар айни баёни мазомини олӣ ва шоирона аз баёне фасеҳу сода ва ба фаҳми мардум ҳарчи наздиктар кор гирфта бошад, Восифи Бохтарӣ дар бештари маворид аз печидагии баён ва дар миён андохтани рамзҳову символҳо сарфи назар накардааст. Биноан, мухотаб ва хонандаи бисёре аз ашъори Восифи Бохтарӣ доираи мушаххасеро ташкил медиҳад. Аммо дар айни ҳол Восифи Бохтарӣ дар ашъоре ҳам рӯй бар умуми мардум дошта ба шеваи сареҳ ва ҳамосӣ сухан гуфтааст.

Ҳамчунин муҳаққиқ бар ин назар аст, ки корбурди вазни шеърӣ, қофия, радиф дар ашъори ин шоирон бар тибқи муроди ғоии осори онҳо буда, ҳаргиз аз ин аносири бадеъсоз ва шеърофарин сарфи назар ва ё истифодае ноозмуда сурат нагирифтааст.

Соҳиби рисола борҳо дар тавсифи сабки баёни ашъори Муъмин Қаноат аз истилоҳи маъруфи "саҳли мумтанеъ", ки болотарин сатҳи сабки хуросонӣ мебошад, истифода намуда, аз таъкиду самимияту садоқати баён малум аст, ки худи эшон зимни пажӯҳиш ба ин натиҷа расидааст.

Ҳамчунин муҳим аст, ки соҳиби рисола аз фурсати мусоид барои анҷоми мусоҳиба бо устод Муъмин Қаноат низ сарфи назар накарда, ба воситаи як мусоҳибаи муфассали илмӣ бисёре аз нукоти ибҳомомезро равшан кардааст.

Дар поён ба чанд нукта барои тасҳеҳу такмили минбаъди ин рисолаи судманд, ки нашри он ба унвони як китоб низ зарурӣ ба назар мерасад, иктифо мешавад:

1. Зимни баргардон аз алифбои форсӣ ба кирилӣ баъзе иштибоҳот рух дода, ки бояд тасҳеҳ шавад.
2. Беҳтар буд, ки намунаҳои иқтибосӣ аз нашрҳои навтар ва муътамадтари осори Муъмин Қаноат гирифта шавад.
3. Таърихи иншои намунаҳои иқтибосии осор ишора шавад.
4. Ин кор бо таваҷҷӯҳ ба матни осори теъдоди бештаре аз шоирон ва донишмандони ду ҳавзаи адабӣ идома дода шавад.

Албатта, ин тавсияҳо хислати машваратӣ дошта, арзиши илмии рисоларо коҳиш намедиҳанд. Автореферат бо мундариҷаи рисола мувофиқат мекунад.

Андешаҳое, ки дар натиҷаи мутолиаи рисола пайдо гардиданд, ба мо имкон медиҳанд, ки рисолаи илмии Фаттона Бадахш дар мавзӯи “Ҷанбаҳои таърихӣ ва иҷтимоӣ дар осори Муъмин Қаноат ва Восифӣ Бохтарӣ (таҳқиқи қиёсӣ)” аз рӯйи ихтисоси 10.01.01 – Адабиёти тоҷик ба ҳайси асари комили илмии ҷавобгӯй ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон қобили тасдиқ ва муаллифи он сазовори дараҷаи илмии номзади илмҳои филология дониста шавад.

Дотсенти кафедраи назария ва
адабиёти навини форсии тоҷикии
Донишгоҳи миллии Тоҷикистон,
номзади илмҳои филологӣ Ваҳҳобзода Рустам Илёс

13.08.20

Имзои Ваҳҳобзода Р. И-ро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳо ва корҳои
Махсуси Донишгоҳи миллии Тоҷикистон
Тавқиев Э. Ш ..............................